# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2.-Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор)**

Бо ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ марҳалаи нав ва босамари таҳқиқу омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик оғоз ёфт. Зеро истиқлолият ба раванди омӯзиши таърих, усул ва методҳои таҳқиқ, ҳамчунин дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла маводи бойгонӣ, имкониятҳои фароху тоза бахшид. Ҳамзамон, таърих ва донишҳои таърихӣ ба яке аз воситаҳои асосии худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдат ва ягонагии ҷомеа табдил гардиданд. Омили муҳим ва созандаи болоравии мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар пеш аз ҳама таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои он, тамаддун ва ойину суннатҳои аҷдодӣ мебошад. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳ илми таърихро ба рукни муҳими ваҳдатсоз ва воситаи таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ табдил додааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, пас аз асрҳои тӯлонӣ, манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи калидӣ пайдо карданд. Ин раванд муҳаққиқон ва муаррихонро водор сохт, ки бо дарназардошти манфиат ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногуни таърихи миллат, аз ҷумла бахшҳои камомӯхта ва норӯшани он, рӯ оваранд. Дар ҳамин замина, бознигарии таърихи садсолаи ахир ва бозтоби дастовардҳои назарраси давраи соҳибистиқлолӣ аҳамияти вижа касб намуд. Аз ҷумла, мавзӯи ин таҳқиқоти илмӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навини ташаккул ва инкишофи матбуоти форсӣ — бахшида шудааст, қадаме муҳим дар ин самт мебошад.

Ин рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ташаккул ва рушди матбуоти форсӣ бахшида шудааст, равона шудааст.

Дар ин замина таҳқиқ ва таҳлили мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( 1822-1918)» дар шароити кунунии кишвари мо мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, ҳамчун мавзуи кори диссертатсионӣ интихоб гардидани он мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Дар автореферати диссертатсия **Ализода Алиҷон Анвар** зикр менамояд, ки марҳалаи рушди матбуоти форсӣ ба давраи нави таърих рост меояд.

Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяннамуда барои таҳияи диссертатсияҳо ва автореферати диссертатсия мебшад.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи Ализода А.А. мазмуни пурраи кори илмияшро инъикос менамояд. Ҳамин тариқ, авторефератн диссертатсияи **Ализода Алиҷон Анвар** дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2–Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.2.–Таърихи умумӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т, дотсент,
муовини ректори Донишкадаи тарбияи
ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Обидов Р.Ҳ.
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, маҳаллаи Лучоб-53
Тел.: (+992) 203-34-34-27
E-mail: obidovrusta@gmail.com

«Имзои н.и.т. Обидов Рустамро
тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Исоев С.Б
«02» 03 соли 2026